# 72224 - Оё барои ӯ ҷоиз аст, ки ба чорво гандум бидиҳад?

**савол**

Шахсе мехоҳад, ки фермаи чорвопарварӣ ташкил кунад, вале барои хӯронидани ҳайвонот ба гандум ниёз дорад, то шир ва баъзе чизҳои дигар истеҳсол карда шавад. Оё (ин чиз) ҷоиз аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Гандум додан ба чорво аз нигоҳи Шариат ягон монеияте надорад. Асос дар хӯрокҳо раво ва ҳалол будани онҳо мебошад, то он даме ки далели мамнӯияти он собит нагардад, чуноне ки ин қоида дар илми қавоиди фиқҳӣ назди донишмандон машҳур аст.

Ин аз лиҳози асос аст, аммо агар ба чорво гандум додан ягон зараре дошта бошад, масалан, агар мардум ба ин гандум ба хотири ниёзи асосӣ буданаш эҳтиёҷ дошта бошанд ва барои чорво гандуми зиёдатӣ набошад, дар ин сурат, ба хотири зарари воқеъӣ доштанаш ба мардум ҳаром аст ва (дар ин ҳангом) ба чорво ғайр аз гандум алафи дигаре дода мешавад.

Аллоҳ донотар аст.